# СУРАТҶАЛАСАИ №11

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 31-уми марти соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 8 нафар, 6 нафар аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА

4. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Ҳайдарова Мавзуна Махмудҷоновна** дар мавзуи **"Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ –доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Сабурӣ Хайрулло Мирзозода) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи чоруми рӯзнома муовини раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Хоҷаева Мубина Ҷалоловна баромад намуда, ҳозиринро бо аризаи довталаб **Ҳайдарова Мавзуна Махмудҷоновна** дар бораи қабули диссертатсия, автореферат ва ҳуҷҷатҳои ӯ барои баррасӣ шинос намуд. Инчунин Хоҷаева Мубина қайд намуд, ки азбаски роҳбари илмии унвонҷӯ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – раиси Шурои диссертатсионӣ мебошад, аз ин рӯ, дар асоси талаботи банди 44-и "Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, вазифаи баррасии масъали мазкур ба уҳдаи ман вогузор мегардад.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-KOA026 профессор Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Ҳайдарова Мавзуна Махмудҷоновна** – автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи банди 57-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб

дароварда шуда, ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ М.М. **Ҳайдарова** барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна** дар мавзуи **"Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
   - **А.А. Азизов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
   - **М.А. Абдуллоева** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.
   - **Г.Б. Мухаметов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 8 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест

Раисикунанда:
Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Хоҷаева М.Ҷ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.

Сардори РК ва КМ МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" — Наврӯзов Э.М.